СамДУ ҳузуридаги педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва уларнинг малакасини ошириш минтақавий маркази

# НАЗАРИЙ ТИЛШУНОСЛИК МАСАЛАЛАРИ

модулидан ўқув-услубий мажмуа

САМАРҚАНД - 2022

**Модулнинг ишчи дастури Олий ва ўрта махсус таълим вазирлигининг 2020 йил 7 декабрдаги 648-сонли буйруғи билан тасдиқланган ўқув дастури ва ўқув режасига мувофиқ ишлаб чиқилган ҳамда СамДУ Илмий кенгашининг 2020 йил «28» декабрдаги 4 -сонли қарори билан тасдиқланган.**

| | |
|---|---|
| **Тузувчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси доценти, PhD. А.Шерназаров |
| **Тақризчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси профессори ф.ф.д. С.Саъдиев |
| **Хорижий экспертлар:** | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Эмомали Сирожиддини |
| | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Дилмурод Ражабович Хомидов |

# МУНДАРИЖА

I. ИШЧИ ДАСТУР........................................................................................................4
II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ............................................................................................7
III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАР.........................................13
IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ.......................................41
V. ГЛОССАРИЙ..................................................................................................45
VI. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ...........................................................................48
VII. ЭКСПЕРТ ХУЛОСА.......................................................................................50

# I. Ишчи дастур

## КИРИШ

Мазкур дастур Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги ПФ-4947-сон, 2019 йил 27 августдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сон, 2019 йил 8 октябрдаги “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармонлари ҳамда Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2019 йил 23 сентябрдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш бўйича қўшимча чора-тадбирлар тўғрисида”ги 797-сонли Қарорларида белгиланган устувор вазифалар мазмунидан келиб чиққан ҳолда тузилган бўлиб, у олий таълим муассасалари педагог кадрларининг касб маҳорати ҳамда инновацион компетентлигини ривожлантириш, соҳага оид илғор хорижий тажрибалар, янги билим ва малакаларни ўзлаштириш, шунингдек амалиётга жорий этиш кўникмаларини такомиллаштиришни мақсад қилади.

Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин.

**Назарий тилшунослик масалалари**
**фанининг мақсади ва вазифалари:**

- педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва малака ошириш курси тингловчиларида тил табиати ва предмети, тил ва нутқ антиномияси, тилнинг белгили ва белгисиз хусусиятлари, лингвосемиотика, умумий семиотика, тил тизимининг белгили хусусияти, белги, рамз, сигнал, лисоний белги, белги турлари ва тил бирликлари, тил тизими ва структураси, тил меъёрларида системли ва асистемли фактларнинг топилиши. тил тизимининг очиқлиги, тизимнинг гомоген ва гетероген турлари, тилнинг асосий ва оралиқ сатҳлари: фонетик- фонологик, морфем-морфологик, синтактик, лексик-семантик, изоморфизм, менталингвистиканинг асосий йўналишлари ҳақида тасаввурни шакллантиришдан иборат. Шунингдек тингловчиларга лисоний мазмун турлари, тил ва жамият антиномиясининг шартли, тадқиқий характерга эгалиги, тил ва нутқ фаолияти, тил-ижтимоий-тарихий норма, тилнинг ижтимоий типлари, умумбашарий, миллий, индивидуал тил тараққиёти қонунлари, усуллари ва ютуқларини ёритиб беради;

## Модулнинг ўқув режадаги бошқа модуллар билан боғлиқлиги ва узвийлиги

“Назарий тилшунослик масалалари” фани тожик тилшунослиги муаммоларини ҳал қилишда, адабиётшунослик, лингвокультурология, математика ва тизимли таҳлил усулларидан фойдаланади. Фан юзасидан тайёргарлик – тилшуносликка оид муҳим ахборотни олиш мақсадида лингвосемиотика структурасига доир экспериментал маълумотларни таҳлил қилиш учун компьютер технологияларидан назарий ва амалий билим ва кўникмалар олиш имкониятини беради. Шу боис тингловчилар уни тўлиқ ўзлаштиришлари учун тил ва нутқ антиномияси, тилнинг белгили ва белгисиз хусусиятлари, лингвосемиотика, умумий семиотика, тил тизимининг белгили хусусияти, белги, рамз, сигнал, лисоний белги, белги турлари ва тил бирликлари, тил тизими ва структураси, тил меъёрларида системли ва асистемли фактларнинг топилиши. тил тизимининг очиқлиги, тизимнинг гомоген ва гетероген турлари, тилнинг асосий ва оралиқ сатҳлари: фонетик-фонологик, морфем-морфологик, синтактик, лексик-семантик, изоморфизм, менталингвистиканинг асосий йўналишлари, лисоний мазмун турлари, тил ва жамият антиномиясининг шартли, тадқиқий характерга эгалиги, тил ва нутқ фаолияти, тил-ижтимоий-тарихий норма, тилнинг ижтимоий типлари, умумбашарий, миллий, индивидуал тил тараққиёти қонунлари ёритишдек мураккаб жараёнларни умумлаштириш учун етарли билим ва кўникмаларга эга бўлиши талаб этилади.

## Модулнинг олий таълимдаги ўрни

Республикамизнинг иқтисодиёти ижтимоий фанларнинг ривожланишига ва унинг ютуқларига ҳам боғлиқ. Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин. Шу сабабли ҳам ушбу модулни ўзлаштириш орқали тингловчилар Назарий тилшунослик масалалари фанини амалда қўллаш ва тожик тили соҳасидаги мавжуд муаммоларни баҳолашга доир касбий компетентликка эга бўладилар.

## Модул бўйича соатлар тақсимоти

| № | Модул мавзулари | Тингловчининг ўқув юкламаси, соат | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаммаси | Аудитория ўқув юкламаси | | | Кўчма машғулот |
| | | | Жами | жумладан | | |
| | | | | Назарий | Амалий машғулот | |
| 1. | Муқаддимаи фан. Назарияи забоншиносӣ ва омилҳои шаклгирии он | 2 | 2 | 2 | | |
| 2. | Пайдоиши забон ва тараққиёти таърихии он | 2 | 2 | 2 | | |
| 3. | Забон ва ҷамъият | 2 | 2 | 2 | | |
| 4 | Мавқеи забони адабии тоҷик дар гурўҳи забонҳои эронӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| 5 | Маълумот дар бораи воҳидҳои асосии забон | 2 | 2 | | 2 | |
| 6 | Имло ва аҳамияти он | 2 | 2 | | 2 | |
| 7 | Калима ҳамчун воҳиди луғавӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| 8 | Муайян намудани сермаъногии калимаҳо | 2 | 2 | | 2 | |
| 9 | Ҳиҷо, зада ва оҳанг (интонатсия) | 2 | 2 | | 2 | |
| 10 | Орфоэпия. Хат. Имло | 2 | 2 | | 2 | |
| | **Жами:** | **20** | **20** | **6** | **14** | |

## ЎҚИТИШ ШАКЛЛАРИ

Мазкур модул бўйича қуйидаги ўқитиш шаклларидан фойдаланилади:

- маърузалар, амалий машғулотлар (маълумотлар ва технологияларни англаб олиш, ақлий қизиқишни ривожлантириш, назарий билимларни мустаҳкамлаш);
- давра суҳбатлари (кўрилаётган лойиҳа ечимлари бўйича таклиф бериш қобилиятини ошириш, эшитиш, идрок қилиш ва мантиқий хулосалар чиқариш);
- баҳс ва мунозаралар (лойиҳалар ечими бўйича далиллар ва асосли аргументларни тақдим қилиш, эшитиш ва муаммолар ечимини топиш қобилиятини ривожлантириш).

## II. МОЛУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ

### “SWOT-таҳлил” методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** мавжуд назарий билимлар ва амалий тажрибаларни таҳлил қилиш, таққослаш орқали муаммони ҳал этиш йўлларни топишга, билимларни мустаҳкамлаш, такрорлаш, баҳолашга, мустақил, танқидий фикрлашни, ностандарт тафаккурни шакллантиришга хизмат қилади.

| | |
|---|---|
| **S – (strength)** | • кучли томонлари |
| **W – (weakness)** | • заиф, кучсиз томонлари |
| **O – (opportunity)** | • имкониятлари |
| **T – (threat)** | • тўсиқлар |

**Намуна:** Анаънавий ва замонавий таълим шаклларини “SWOT-таҳлил” методида таҳлил қилинг.

| | | |
|---|---|---|
| | Оддий маърузада маърузачи талабалар, тингловчиларга кўп маълумот бера олади | Муаммоли маърузада камроқ маълумот берилади, бироқ улар талабалар онгига сингдириб берилади |
| | Ўқитувчи асосан ўзи ва аълочи, қизиқувчи талабалар билан гаплашади, яъни дарсда оз сонли талабалар қамраб олинади | Муаммоли маърузада кўп сонли талабалар, тингловчилар қамраб олинади |
| | Оддий маърузада фақат ўқитувчи режа асосида ва тайёрлаб келган маълумотлари атрофида гаплашилади | Муаммоли маърузада муҳокама жараёнида янги-янги масалалар, муаммолар юзага чиқиши, ғоялар туғилиши мумкин. |
| | Ўқитувчи учун асосий тўсиқ – дастурдан чиқиб кета олмаслик, талаба учун қизиқмаса ҳам ўқитувчини эшитиб ўтириш мажбурияти | Кенг муҳокама учун вақтнинг чегараланганлиги, талабаларни мавзудан четга буришга интилишлари |

## Резюме, Веер методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод мураккаб, кўптармоқли, мумкин қадар, муаммоли характеридаги мавзуларни ўрганишга қаратилган. Методнинг моҳияти шундан иборатки, бунда мавзунинг турли тармоқлари бўйича бир хил ахборот берилади ва айни пайтда, уларнинг ҳар бири алоҳида аспектларда муҳокама этилади. Масалан, муаммо ижобий ва салбий томонлари, афзаллик, фазилат ва камчиликлари, фойда ва зарарлари бўйича ўрганилади. Бу интерфаол метод танқидий, таҳлилий, аниқ мантиқий фикрлашга ҳамда ўқувчиларнинг мустақил ғоялари, фикрларини ёзма ва оғзаки шаклда тизимли баён этиш, ҳимоя қилишга имконият яратади. “Хулосалаш” методидан маъруза машғулотларида индивидуал ва жуфтликлардаги иш шаклида, амалий ва семинар машғулотларида кичик гуруҳлардаги иш шаклида фойдаланиш мумкин.

**Методни амалга ошириш тартиби:**



тренер-ўқитувчи иштирокчиларни 5-6 кишидан иборат кичик гуруҳларга ажратади;



тренинг мақсади, шартлари ва тартиби билан иштирокчиларни таништиргач, ҳар бир гуруҳга умумий муаммони таҳлил қилиниши зарур бўлган қисмлари туширилган тарқатма



ҳар бир гуруҳ ўзига берилган муаммони атрофлича таҳлил қилиб, ўз мулоҳазаларини тавсия этилаётган схема бўйича тарқатмага ёзма баён қилади;



навбатдаги босқичда барча гуруҳлар ўз тақдимотларини ўтказадилар. Шундан сўнг, тренер томонидан таҳлиллар умумлаштирилади, зарурий ахборотлр билан тўлдирилади ва

Намуна:

| **Филологиядан малака талаблари** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Собиқ стандартлар** | | **Амалдаги стандартлар** | | **Такомиллаштирилган стандартлар** | |
| афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги |
| | | | | | |
| **Хулоса:** | | | | | |

**“ФСМУ” методидан фойдаланиш**

**Технологиянинг мақсади:** Мазкур технология иштирокчилардаги умумий фикрлардан хусусий хулосалар чиқариш, таққослаш, қиёслаш орқали ахборотни ўзлаштириш, хулосалаш, шунингдек, мустақил ижодий фикрлаш кўникмаларини шакллантиришга хизмат қилади. Мазкур технологиядан маъруза машғулотларида, мустаҳкамлашда, ўтилган мавзуни сўрашда, уйга вазифа беришда ҳамда амалий машғулот натижаларини таҳлил этишда фойдаланиш тавсия этилади.

Технологияни амалга ошириш тартиби:

- қатнашчиларга мавзуга оид бўлган якуний хулоса ёки ғоя таклиф этилади;
- ҳар бир иштирокчига ФСМУ технологиясининг босқичлари ёзилган қоғозларни тарқатилади:




-

ФСМУ таҳлили қатнашчиларда касбий-назарий билимларни амалий машқлар ва мавжуд тажрибалар асосида тезроқ ва муваффақиятли ўзлаштирилишига асос бўлади.

Намуна.

**Фикр:** “Филологиядан малака талабларини халқаро андозалар асосида такомиллаштириш ва сертификатлаштириш таълим самарадорлигининг энг муҳим омилларидан биридир”.

**Топшириқ:** Мазкур фикрга нисбатан муносабатингизни ФСМУ орқали таҳлил қилинг.

## Венн Диаграммаси методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод график тасвир орқали ўқитишни ташкил этиш шакли бўлиб, у иккита ўзаро кесишган айлана тасвири орқали ифодаланади. Мазкур метод турли тушунчалар, асослар, тасавурларнинг анализ ва синтезини икки аспект орқали кўриб чиқиш, уларнинг умумий ва фарқловчи жиҳатларини аниқлаш, таққослаш имконини беради.

## Методни амалга ошириш тартиби:

- иштирокчилар икки кишидан иборат жуфтликларга бирлаштириладилар ва уларга кўриб чиқилаётган тушунча ёки асоснинг ўзига хос, фарқли жиҳатларини (ёки акси) доиралар ичига ёзиб чиқиш таклиф этилади;
- навбатдаги босқичда иштирокчилар тўрт кишидан иборат кичик гуруҳларга бирлаштирилади ва ҳар бир жуфтлик ўз таҳлили билан гуруҳ аъзоларини таништирадилар;
- жуфтликларнинг таҳлили эшитилгач, улар биргалашиб, кўриб чиқилаётган муаммо ёҳуд тушунчаларнинг умумий жиҳатларини (ёки фарқли) излаб топадилар, умумлаштирадилар ва доирачаларнинг кесишган қисмига ёзадилар.

Намуна: Филологияни турли йўналишларда ўқитишнинг фарқли жиҳатлари ўзига хосликлари




“Зинама-
зина”,
Матн билан
ишлашга
йўналтирилган
интерфаол
метод ва
усуллар
“Бумеранг”
“Инсерт”
“Кейс-
стади”


Ижодий фаолият ва мантиқий фикрлашни
ривожлантиришга
йўналтирилган интерактив методлар:
“Идрок харитаси”
“Эссе”
“ФСМУ”
“Кластер”
“Гуруҳларда ишлаш”


Ўқув жараёнида муаммолар ва муаммоли вазиятларни ечишга йўналтирилган интерфаол методлар
“CWOT-универсал таҳлил”
“Дебат”,
Муаммоли вазият яратиш”
“Резюме”,


“Т-чизмаси”,
“Венн диаграммаси”,
“Органайзер”,
Ҳар хил чизмалар, жадваллар ёрдамида амалга ошириладиган интерфаол методлар:

# III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТ МАТЕРИАЛЛАР

**Мавзӯи 1** | **МУҚАДДИМАИ ФАН. НАЗАРИЯИ ЗАБОНШИНОСӢ ВА ОМИЛҲОИ ШАКЛГИРИИ ОН** | **Маърӯза**

Нақша

1. Фанни забоншиносӣ, аҳамият ва вазифаи он.
2. Забон ва пайдоиши он.
3. Забон ва нутқ.
4. Забон ва ҷамъият.

Лингвистика аз лафзи юнонӣ гирифта шуда, маънои илм дар бораи забон аст.

Забон муҳимтарин воситаи алоқа буда, одамон ба воситаи он фикри якдигарро мефаҳманд, бе забон муомилоти инсонӣ ва бе муомилот ҷамъият вуҷуд надорад. Бе забон фаҳмидани ҳодисаю воқеаҳо аз имкон берун аст. Дар дунё зиёда аз 2500 забон мавҷуд аст, ки ҳар яке аз онҳо хусусиятҳои хоси худро доранд. Вале баробари ин онҳо хусусиятҳои умумӣ ҳам доранд. Ин умумиятҳоро дар сохт, дар алоқа ва ҳам дар таърих мушоҳида карда мешавад. Агар ин умумиятҳо намешуданд аз як забон ба забони дигар тарҷима кардан номумкин мегардид. Ин умумиятҳо чунинанд:

а) Забон воситаи алоқаи байни одамон мебошад;

б) Забон дар ташаккули фикр хизмат мекунад;

в) Забон аз овозҳо, калимаҳо ва ҷумла иборат мебошад;

г) Забони гуфтугӯӣ аз як шакл (даҳонӣ) ва забони адабӣ аз ду шакл: хаттӣ ва даҳонӣ иборат аст;

д) Забон мувофиқи шароити таърихӣ шакли адабӣ ва услуби хос дошта метавонад.

Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ забондонҳои бисёр мавҷуд буданд, вале олимон маълумоти аниқи илмии забоншиносиро ба вуҷуд наовардаанд. Илми забоншиносӣ фанни мустақил танҳо дар нимаи дуюми асри XIX ба майдон

омад.

**Забон ва пайдоиши он.** Забони инсон чун робитаи алоқа шояд дар шароитҳои муайян ба миён омада бошад, аммо шарти аз ҳама муҳимтарини он муташаккили физиологии (бенуқсонӣ ва умумияти узвҳо) соҳиби нутқ-инсон мебошад.

Дар байни организмҳои зинда, аз организмҳои хурди якҳуҷайрагӣ сар карда, то ҳайвоноти бузурги ҷинсӣ аз ҳама мураккаб ва муташаккил, ки аз ҷиҳати физиологӣ инкишоф ёфтааст, инсон мебошад. Ба ғайр аз инсон ягон организми зинда соҳиби забон нест, инро умумият ва муташаккилии узвҳои фаъоли ӯ таъмин сохта, сабаби асосии пайдоиши нутқ гаштаанд. Аммо то ҳол дар ин бобат фикри қатъии илмӣ вуҷуд надорад, вале аз тахминӣ ба ҳақиқат наздик чунин менамояд, ки дар натиҷаи пайдоиш ва ташаккулёбии инсон ба сабабҳои муайяни табиие, ки онҳо минбаъд сабаби тағйир ёфтани хусусият ва вазифаҳои органҳои физиологии ӯ (аз як намуди ҳайвон гузаштани инсон) гардидаанд, вобаста мебошад.

Ҳатто дар як намуди ба инсон наздикии ҳайвонот - маймуни одамшакл ҳам ягон хел инкишофи тадриҷӣ дида нашуд. Пас, маълум мегардад, ки гузаштагони инсон аз ягон намуди маймунҳо набудаанд. Олимон ба ин масъала диққати махсус додаанд. Аз чунин тахминҳо маълум аст, ки пеш аз ҳама бо тағйир ёфтани вазифаи дастҳо дар ҳаракат ва пурра аз замин ҷудо шудани онҳо ва ба по гузаштани ин вазифа дар роҳгардӣ, яке аз шартҳои асосии аз маймун ба одам табдилёбӣ мебошад. Инкишофи меҳнат заруриятҳои ба ҳам муттаҳидшавиро пеш овард ва одамон ба гурӯҳҳо муттаҳид шудан гирифтанд.

Ин гуна муттаҳидшавӣ, эҳтиёҷи ҳамдигарро ҳимоя намудан ва зарурати ба ҳамдигар чизе гуфтанро ба миён овард. Узвҳои нутқ бо оҳистагӣ паи ҳам бо роҳи тағйир ёфтани оҳанги нутқ ба чизе гуфтан тайёр шуданд. Пеш аз ҳама меҳнат, баъд дар баробари меҳнат сухани саҳеҳ ва бурро ду воситаи асосие буданд, ки майнаи маймунро инкишоф дода, то бо дараҷаи майнаи одам

расиданд.

Дар натиҷаи инкишофи тадриҷии майна, забон ва дар баробари он органҳои эҳсосӣ инкишоф ёфтаанд. Ба ҳамин тариқ инкишофи тадриҷии забон ва майна, узвҳои ҳис ва шунавоиро мукаммал намудан гирифтанд.

Меҳнат аз тайёр кардани аслиҳаи шикор ва худмуҳофизаткунӣ сар шудааст. Шикор ва моҳидорӣ сабаби аз хӯроки алафӣ ба хӯроки гӯштӣ гузаштан шуд. Истеъмоли гӯшт сабаби аз насл ба насл мукаммал гардидан ва инкишоф ёфтани майна шуд. Пас, одамон оташро ихтиро намуданд ва ба ром кардани ҳайвонот шурӯъ карданд. Сипас ба худ пӯшок ихтироъ намуда, дар ҳаргуна шароит зиндагӣ мекардагӣ шуданд. Ба туфайли меҳнат муштаракии майна, узвҳои нутқ ва ҳис чӣ дар одами алоҳида, чӣ дар ҷамъият фаъолияти меҳнатии одамон аз насл ба насл гузашта рӯз то рӯз инкишоф ёфтан гирифт. Акнун одамон ҳаёти воқеиро дурусттар мушоҳида намуда, баробари ин фикр карда метавонистагӣ шуданд.

Қобилияти ҳаёти воқеиро ҳис намудан яке аз сабабҳои асосии пайдоиши забон гардидааст.

**Забон ва нутқ.** Муносибати забон ва нутқ яке аз маъсалаҳои муҳими илми забоншиносӣ мебошад. Лекин то ҳол забоншиносони мо фарқи онро ҳис кунанд ҳам забон ҳодисаи ҷудогонаест, ки дар шуури одамон вуҷуд дорад. Инсон ба воситаи он фикри худро баён мекунад, ё ин ки фикри каси дигарро мефаҳмад.

Забон системаест, ки ба сохти худ соҳиб аст. Забон аз ҷиҳати мавҷудияти худ аз ду элемент сохта шуда ва ин ҳарду элемент (унсур) дар якҷоягӣ санҷида мешавад: лексикаи таркиби луғавии забон ва грамматика. Ин ҳар ду элемент аз овозҳои нутқ иборатанд.

Нутқ бошад воситаи амалӣ гардонидани забон аст. Нутқ воситаи алоқаи байни одамон буда, ба воситаи он фикр, ҳиссиёт, хоҳиш ва иродаи худро ифода кардан мумкин аст.

Ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки бо вуҷуди ҳодисаи шахсӣ будани нутқ

одамон фикру мақсади ҳамдигарро мефаҳманд, чунки бисёр чизҳо (фонемаҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо) ва қонуну қоидаҳои онҳо хусусияти умумӣ доранд. Аз ин ҳодиса маълум мешавад, ки забон чун ҳодисаи хусусӣ ба ҳодисаи ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд аст. Нутқ ба шароит сахт алоқаманд мебошад.

Олими намоёни франсавӣ Ферденанд де Соссюр забону нутқро ду тарафи фаъолияти нутқ шуморида буд. Ӯ қайд мекунад, ки забон ҷиҳати иҷтимоӣ ва психикии фаъолияти нутқ бошад, нутқ ҷиҳати шахсӣ ва психологии он мебошад.

Асосгузори пайдоиши забоншиносии умумӣ В.Гумболдт забонро фаъолият медонист, аммо ӯ олоти фаъолият шудани забонро таъкид кард, вале Соссюр бошад, забонро чун олоти фаъолият медонист.

Академик А.Л.Шерба гуфтаҳои Соссюрро тасдиқ карда, забонро ба фаъолияти нутқ, яъне ба системаи забон (нутқ) ҷудо мекунад.

Академик Смирниский қайд мекунад, ки забон мафҳумест, ки аз нутқ гирифта шудааст ва онро фаъолияти лингвистии мутахассисон медонад. Гурӯҳи дигари забоншиносон қайд мекунанд, ки моҳияти забон бо ёрии нутқ маълум мегардад. Аз ин ақидаҳо маълум мегардад, ки забону нутқ бо ҳам алоқаи зич доранд ва онро аз ҳамдигар ҷудо кардан аз имкон берун аст.

Бинобар ин нутқ таърихан маҳсули ҳаёти иҷтимоии инсонҳост. Он воситаи мубодилаи афкор, аслиҳаи робитаҳои иҷтимоист.

Ҳамин тавр нутқ ҳамеша мақсаднок буда, ба шароит вобаста мебошад ва забон ба ин чизҳо бетараф аст:

Унсурҳои нутқ бо тартиб, пайдарпай ҷой мегиранд. Ҳамаи ин хусусиятҳоро ҳангоми фаҳмидани нутқ ҳам мушоҳида карда метавонем. Забон хусусияти шахсӣ дорад, забон устувор, вале нутқ тағйирёбанда мебошад.

Нутқ бояд талабро пурра иҷро кунад, барои ин вай аз забон, аз маводи бойи ҳамон воҳид, ҳамон элементро интихоб мекунад, ки мақсад пурра интихоб гардад. Нутқ барои ифодаи фикр, ифодакуниву образнокии он варианти муносибтаринро интихоб мекунад.

Ба ин мақсад дар нутқ аз тобишҳои маънои забоншиносӣ: такрор, ҷойивазкунӣ, муқоисакунӣ ва ташбеҳ фаровон истифода мебаранд. Вақте ки ин ҷузъҳо хусусияти умумӣ пайдо мекунанд, ба забон мегузаранд. Ба нутқ эҷодкорӣ хос аст.

Ҳамаи ин чизҳое, ки дар забон мушоҳида мешаванд, аввал дар нутқ санҷида аз назорат гузаронида шудаанд. Хулоса, забону нутқ як нони ду тақсим буда, ҳар яке хусусияту аломатҳои ба худ хос дорад.

Бояд қайд кард, ки хусусияти нишонаҳои забон: забон чун система, забону тафаккур, забону ҷамъият ва забону таърих низ ба муаммоҳои назариявии забон медароянд.

**Забон ва ҷамъият.** Ба ҳама маълум гардид, ки забон ҳодисаи табиӣ набуда, ба қатори ҳодисаҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад.Забон бо ҷамъият, бо соҳибони худ алоқаи мустаҳкам дорад, зеро вай ба туфайли ҷамъият вуҷуд дорад.

Забон бе ҷамъият, ҷамъият бе забон вуҷуд надорад . Забону ҷамъият дар як вақт ба амал омадаанд ва яке аз омилҳои пайдоиши инсон ба шумор меравани.

Муносибати забону ҷамъият яке аз масъалаҳои асосӣ ва мураккаби серпаҳлӯи илми забоншиносӣ мебошад. Ин мавзӯъ масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад, ба он масъалаҳои табиат ва моҳияти иҷтимоии забони инсоният, сабабҳои ҷамъиятии пайдоиш ва инкишофи забон, забон ва шаклҳои умумияти таърихии одамон дохил мешаванд. Сабабҳои иҷтимоии ташаккули забони адабӣ ва меъёри он, сабабҳои иҷтимоии фарқи сохт ва функсияҳои услубҳои забон, таъсири мафкуравӣ ва воситагии ҷамъият ба забон ва ғайраҳо дохил мешавад.

Яке аз хусусиятҳои умумии забон чун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар он аст, ки забон шарти муҳими мавҷудият ва тараққиёти ҷамъияти инсонӣ буда, ҳамчун элементи маънавӣ монанди ҳамаи дигар ҳодисаи ҷамъиятӣ-материалӣ мебошад.

Аксари забоншиносон ба ҷамъият чун воситаи алоқа хизмат намудани забонро бо мисолҳо нишон додаанд ва ҳатто забоншиносони идеалист низ аз

қабили Гумболдт, Гегел, Сепир ва Уорф ба ҷамъият чун воситаи муносибат хизмат кардани забонро қайд кардаанд. Аз ҳамин сабаб, вай ҳамчун забони умумхалқӣ ба вуҷуд омада, ба ҷамъият ягона ва барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият умумӣ ҳисоб меёбад. Забон ҳам ба сохти навъи сабзидаистода, ҳам ба истисморкунандагон, ҳам ба истисморшавандагон баробар хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, забон айнияти маданиест ва синфӣ шуда наметавонад. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар байни дигар ҳодисаҳои ҷамъиятӣ мавқеи алоҳида дошта, дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошад. Он дар ҷамъият ба ҳамаи синфҳо баробар хизмат мекунад. Тарафдорони ақидаи назарияи синфӣ будани забон чунин шумориданд, ки азбаски ҷамъияти ягона вуҷуд надошта, танҳо синфҳо вуҷуд доранд, барои ҷамъият забони ягона лозим нест. Ҳамин тариқа, забонҳои синфӣ вуҷуд надоранд ва дошта ҳам наметавонанд. Хатои дигари онҳо ҳамин буд, ки забон ва маданиятро як чиз мешумориданд ва ҳол он ки забон ва маданият аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Забон воситаи алоқа буда, дар баробари маданиятнокии инсон хизмат мекунад.

Муносибати байни забон ва маданият дар чист? Забони миллӣ шакли маданияти миллӣ мебошад . Забон бо маданият сахт алоқаманд буда, бе он тасаввур карда намешавад, чунончӣ маданият ҳам бе забон вуҷуд дошта наметавонад.

Вале ҷамъият ба забон бефарқ нигоҳ намекунад, ки чи андоза ҳунар дошта бошад, аз он истифода мебарад.

Як форматсияи ҷамъият барои инкишофи забон шароитҳои хуб муҳайё намояд, форматсияи дигари он ба вай монегӣ мерасонад. Масалан, дар давраи ҳукумати подшоҳӣ мардум бесавод буд.

**Савол ва супоришот:**

1. Аҳамияти омӯзиши фанни назарияи забоншиносӣ аз чӣ иборат аст?
2. Забон ва сабабҳои пайдоиши давраҳои онро гӯед?
3. Муносибати забон ва нутқ ва элементҳои асосии онро фаҳмонед?
4. Муносибати забону ҷамъият дар чист?
5. Хулосаҳои шумо оиди ин мавзӯъ?

**Рӯйхати адабиётҳо:**

1. Арзуманов С., Ҷалолов О. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений. –Душанбе, 1969.

2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) қ. 1. –Душанбе, 1973.

3. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ. –Душанбе: «Ирфон», 1980.

4. Оранскиӣ И. М. Введение в иранскую филологию. –М., 1960.

5. Рустамов Ш. Забон ва замон. –Душанбе: «Ирфон», 1981.

| Мавзӯи 2 | ПАЙДОИШИ ЗАБОН ВА ТАРАҚҚИЁТИ ТАЪРИХИИ ОН | Маърӯза |
|---|---|---|

**Нақша:**

1. Забон ва моҳияти асосии он
2. Пайдоиши забон ва нишонаҳои аввалини он
3. Тараққиёти тарихии забон
4. Назарияҳо оид ба пайдоиши забон
5. Мафҳум ва калима

Масъалаи пайдоиши забон аз давраҳои хеле қадим диққати одамонро ҷалб намудааст. Ҳанӯз то давраи ба вуҷуд омадани илми забоншиносӣ муаммоҳои пайдоиши забон мавриди муҳокимаи мутафаккирони гуногун қарор гирифтааст.

Дар афсонаҳои динӣ пайдоиши забон гӯё тӯҳфаи илоҳӣ бошад, бақудрати илоҳӣ вобаста карда мешавад. Олимони Юнони қадим забон ва пайдоиши онро ба таърихи ҷамъияти инсонӣ ва ҳодисаи ҷамъиятӣ вобаста накарда меомӯзанд. Бинобар ин масъалаи пайдоиши забонро ҳар кадом ба таври фаҳмиши худ маънидод менамояд. Дар бораи пайдоиши забон аз давраҳои қадим назарияҳои гуногун мавҷуданд, ки асоситарини инҳо чунинанд: тақлиди овоз, нидоӣ, садоҳои меҳнатӣ, аҳди сотсиалӣ.

## 1. Назарияи тақлиди овозӣ

Асосгузорони ин назария мутафаккири бузурги немис Лейбнис ва пайрави ӯ забоншиноси Шветсария Ш.Баллӣ чунин мешуморанд, ки одамон садоҳои дар табиат бударо шунида ба онҳо тақлидан овоз баровардаанд ва калимаҳо эҷод намудаанд. Сипас, одамон ин гуна овозҳои тақлидиро тез-тез такрор карда, дар ҳамин асос рафта-рафта забон пайдо карданд. Тарафдорони ин назария чунон ки мебинем, ҳодисаи ҷамъиятӣ будани забонро ба назар нагирифта, асоси пайдоиши забонро овозҳои тасодуфии табиӣ ҳисоб мекунанд. Дар ҳақиқат дар ҳамаи забонҳо каму беш калимаҳои тақлидӣ мавҷуданд, монанди чаҳ-чаҳ, ак-ак, шав-шав ва ғайраҳо. Лекин адади ин гуна калимаҳо хеле каманд, сони тақлиди овоз танҳо ба предметҳое мансуб аст, ки хосияти садобарорӣ доранд.

Онҳо ба андозаи кам ҳам бошанд, мавҷуданд. Аммо пайдоиши забонро ба ин гуна роҳи механикӣ вобаста намудан аз имкон берун аст. Ғайр аз ин, барои он ки одамон ба овозҳои гуногуни табиат, ҳайвонот, паррандагон ва ғайра тақлид кунанд, бояд дар навбати аввал дастгоҳи нутқи тараққикарда дошта бошад. Аз ин ҷост, ки назарияи тақлиди овозӣ масъалаи пайдоиши калимаҳои тақлидро дар бар гирад ҳам, пайдоиши забонро аз нуқтаи назари илмӣ исбот карда наметавонад.

## 2. Назарияи нидоӣ

Асосгузорони назарияи нидоӣ давлати Юнони қадим аст. Ин назария ҳам монанди назарияи якум аз ҷиҳати илмӣ исботи худро наёфтааст. Нидоҳои дар аввали ҷамъияти ибтидоӣ пайдошударо ҳоло ҳам одамон вобаста бо ҳодисаҳои табиӣ кор мефармоянд. Ин хел нидоҳо дар олами ҳайвонот ҳам ҷой доранд. Ҳамаи ин нидоҳо шартӣ буда, аз маъно – мантиқ холианд. Инчунин дар ҳар як забон адади нидоҳо хеле каманд. Дар забони тоҷикӣ ҳамагӣ зиёда аз 30 калимаи нидоӣ мавҷуданд. Худи ҳамин ҳам ба он шаҳодат медиҳад, ки аз калимаҳои нидоӣ пайдо шудани забон аз имкон берун аст. Пас ин назария ҳам асоси илмии пайдоиши забон шуда наметавонад.

## 3. Назарияи садоҳои меҳнатӣ

Ин назария дар асри Х1Х асос ёфтааст. Асосгузорони ин назария Л.Нуаре,

К.Бюхер мебошанд, ки дар натиҷаи меҳнати ҷамоавӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо ин гуна «Садоҳои мехнатӣ» танҳо воситаи тартибу кори меҳнат буда, ҳеҷ чизро, ҳатто *эмотсия*ро ҳам ифода карда наметавонад, онҳо дар асрои иҷрои ягон кор танҳо воситаи иловагии техникӣ шуда хизмат мекунанду халос.

## 4. Назарияи аҳди сотсиалӣ

Ин назария дар асри XVIII ба вуҷуд омадааст. Асосгузорони ин назария Жан-Жак Руссо, Адам Смит ва дигарон буданд. Онҳо таъкид мекарданд, ки одамон дар натиҷаи аҳду паймон ва маслиҳат кардан, ба предметҳо дар маҷлисҳо ном мондаанд. Пас аз он дар тараққиёти минбаъдаи забон дар бораи ин ё он калима, терминология имконияти маслиҳат кардан ба амал омад.

Пеш аз он ки калимаҳои умумӣ эҷод карда шаванд, одамон бояд соҳиби забон бошанд, зеро бе забон мулоқот ё гуфтугӯ кардан аз имкон берун аст. Забон восита ё олотест, ки бо ёрии он одамон бо якдигар алоқа мекунанд. Ҳамаи ин ақидаҳо масъалаи пайдоиши забонро аз пайдоиши худи одамон ва ҷамоаҳои аввалини одамон ҷудо карда маънидод менамоянд. Забон ва қонунҳои инкишофи онро дар якҷоягӣ бо таърихи халқ омӯхтан лозим аст. Забон бо баробари пайдо шудан ва тараққӣ кардани ҷамъият пайдо мешавад ва тараққӣ мекунад.

## Орфоэпия

Орфоэпия як қисми асосии забоншиносӣ буда, норма ва тарзи талаффуз кардани калимаро меомӯзад.

Агар фонемаҳо дар нутқ чандин тарзу ҳолати талаффуз дошта бошад, мо нормаи мӯътадили талаффузи онҳоро дар забони адабӣ таъин мекунем. Масъалаи мавқеи зада дар калима ҳам ба нормаи орфоэпия дахл дорад. Пас, маълум мешавад, ки орфоэпия бо фонетика сахт алоқаманд буда, дар бораи нормаҳои умумии дуруст талаффузкунии калима ва ҳиссаҳои он сухан меравад. Ба норма даровардани ҷиҳатҳои амалии фонетика ва ҳолатҳои алоҳида талаффузи калимаҳои ҷудогона маърӯзаи орфоэпия мебошад. Бояд қайд кардан ҷоиз аст, ки норма танҳо талаффузи адабӣ дорад. Ба қоида риоя намудани нормаи талаффузи адабӣ барои радиошунавӣ, мактаб, театр ниҳоят муҳим аст. Ҳар як забон нормаи махсуси орфоэпӣ дорад. Калимаҳо дар лаҳҷа

ва шеваҳо мувофиқи нормаи талаффузи маҳаллӣ шаванд ҳам, дар забони адабӣ ба қоидаи ягонаи орфоэпӣ итоат мекунанд.

Орфоэпия ба вайрон кардани талаффузи калимаҳо роҳ намедиҳад. Мувофиқи нормаи орфоэпии забони адабӣ талаффузи калимаҳо махсусан барои нутқи ҳунарпешаҳо, барандаҳо хеле зарур аст.

## Интонасия

Интонасия, чунон ки дар боби фонетика мушоҳида намудем, на ба калима, балки ба ибора дахл дорад ва ба ин восита бо ҷумла ва сохти он алоқаи грамматикӣ пайдо мекунад.

а) Вазифаи интонасия пеш аз ҳама ба шакли модалии ҷумла вобаста аст. Дар бисёр забонҳо калимаҳо ва тартиби онҳоро дигар накарда, бо ёрии интонасия ҷумлаҳои саволиро аз ҷумлаҳои тасдиқӣ, ҷумлаҳои ифодакунандаи шубҳа аз ҷумлаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб, ҳайрат ё водоркунӣ ва ғайра мекунанд. Вай омад. Вай омад? Вай омад! Чунин тобишҳои маъноӣ ба воситаи шиддатнокӣ ва суръати оҳанги талаффуз ифода карда мешавад.

б) Тартиб ва пайдарпаии пауза дар дохили ҷумла фосиланокии аъзоҳои ҷумларо нишон дода метавонад: Вай бо портфел омад. Вай бо партфел омад?

в) Интонатсия дар баъзе забонҳо метавонад, ҷумлаи содда ва мураккабро аз якдигар фарқ кунонад. Масалан, дар забони русӣ: Вижу лицо в морщинах (ҷумлаи содда). Вижу, лицо в морщинах (ҷумлаи мураккаб).

г) Бо ёрии интонатсия (ист) ҳангоми наомадани пайвандакҳои алоқаи пайвастро аз тобеъ фарқ кардан мумкин аст:

Борон монд, мо ба берун баромадем – алоқаи пайваст бо такрор айни як интанатсия: аммо борон монд – мо ба берун баромадем – алоқаи тобеъ.

Дар ин ҷо мо ба берун баромадем – сарҷумла буда, борон монд – ҷумлаи пайрав аст.

е) Дар интонатсия махсусан роли «задаи мантиқӣ» калон аст. Бо воситаи задаи мантиқӣ ин ё он қисми ҷумла таъкид карда мешавад. Махсусан, аҳамияти ин гуна зада дар ҷумлаҳои саволӣ зоҳир мегардад.

Шумо имрӯз ба **университет** меравед?

Шумо **имрӯз** ба университет меравед?

**Шумо** имрӯз ба университет меравед?

Интонатсия мӯътадили ин ё он забон, ки дигар кардани он воситаи грамматикӣ ҳисоб мешавад, ҳангоми шумурдан боз ҳам осонтар муайян кардан мумкин аст: як, ду, се, чор, панҷ, шаш ва монанди инҳо.

Дар ин ҳолат интонатсия дар аввал баланд ва дар охир паст мешавад.

## Нишонаҳои грамматикӣ

Нишонаҳои грамматикӣ, маҷмӯи ҳодисаҳои грамматикӣ ва дар навбати аввал маҷмӯи калимаҳои якҷинсаи грамматикӣ гуногуншакл мебошад.

Нишонаҳо дар грамматика мафҳуми васеъ буда, ҳамчун ҳодисаҳои дохилӣ дар ин ё он ҳиссаи нутқ шуда метавонад. Масалан, дар дохили исм нишонаи шумора, нишонаи исмҳои ҷомеъ, нишонаи абстракт ва конкрет, дар феълҳо нишонаҳои тарз, намуд ва монанди инҳо мавҷуданд.

Нишонаҳои грамматикӣ ба тарзу воситаи нишонаҳои грамматикии ифода алоқаманд нест, аммо ин чунин маъно надорад, ки нишонаҳои грамматикӣ соҳаи мантиқ буда, аз доираи забон берун бошад.

Мувофиқат накардани нишонаҳои грамматикӣ дар забонҳои гуногуни дунё шоҳиди барҷастаи хоси ҳар як забон будани нишонаҳои грамматикӣ мебошад.

Дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ин нишонаҳо бо роҳи лексикӣ ифода карда мешавад (Муайянӣ дар забони русӣ бо воситаи ҷонишинҳои этот, тот ва дигарҳо ва номуайянӣ ба воситаи какой-то ва монанди инҳо: дар забони тоҷикӣ ҳам муайянӣ бо ёрии ин, он, ҳамин, ҳамон ва пасоянди – ро, аммо, номуайянӣ бо касе, чизе, кадом як, ким – кӣ, ким кадом, суффикси номуайянии «е» ифода мешавад).

Дар забони русӣ тасрифи нишонаҳои исмҳои ҷондор ва беҷон (аз рӯи падеж) аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо дар забонҳои оилаи ҳиндуевропоӣ ин ҳодиса ҷой надорад.

Фарқияти нишонаи намуди феъл ва ҷинсияти исмҳоро дар забони англисӣ ва ҳамаи забонҳои туркӣ мушоҳида намекунем. Дар давоми инкишофи таърихи худи як забон нишонаҳои грамматикӣ аз ҷиҳати мавҷудият ва адади худ ба тағйирот дучор шуда метавонанд, ки ҳатто характери маънои

грамматикии худро дигар мекунанд.

Масалан, забонҳое, ки фақат нишонаи шумораи танҳо ва ҷамъ доранд, нисбат ба забонҳое, ки ғайр аз нишонаи танҳо ва ҷамъ боз дорои нишонаи шумораи дугона ва сегона мебошанд, абстраксияи грамматикӣ зиёдтар аст. Шумораи ҷамъ мафҳуми грамматикӣ буда, бо ёрии воситаи грамматикӣ ифода меёбад.

Мафҳуми ҷамъро ифода кардани исмҳои ҷомеъ ба маънои лексикии асоси калима вобаста аст, аммо воситаи грамматикӣ дар ин ҷо шумораи танҳоро нишон медиҳад. Масалан, дар забони тоҷикӣ: мардум, лашкар, аҳолӣ, гурӯҳ, рама ва ғайра.

**Хат ва пайдоиши он**

Хат яке аз ихтироҳои бузургтарини инсоният мебошад. Хат воситаест, ки бо ёрии он одамон дар шароиту вазъиятҳои гуногун бо якдигар алоқа мекунанд. Махсусан, ин вазифаи хат дар ҳамаи шароите боз ҳам бештар зоҳир мегардад, ки муомила бо забони овозӣ хеле душвор ё номумкин аст.Барои бо забони овозӣ муомила кардан вақт ва душвориҳои калонеро ба амал меоранд.

Муомилаи даҳонакӣ танҳо дар масофаи наздик имконият дораду халос, аммо дар ин хусус  хат дорои имкониятҳои хубе мебошад.

Доир ба аҳамияти хат дар ҷамъият аз давраҳои қадим дар байни мардум мақоле мавҷуд аст, ки онҳо аз нутқи даҳонӣ бартарӣ ва афзалият доштани хатро мефаҳмонад: «Сухан мепарад, дошта намешавад».

Пайдоиши хатро бо ҳамон даврае вобаста донистан лозим аст, ки дар натиҷаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ одамон барои аз масофаи дур ба якдигар муомила кардан эҳтиёҷ пайдо карданд. Хат дар давоми мавҷудияти худ хелҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Хат бо шаклу намудҳои гуногунаш ҳархела шудааст.

Дар баробари ин нуқтаи назари баъзе олимонеро, ки пеш аз забон пайдо шудани хатро эътироф менамуданд, рад кардан лозим меояд. Бе забон ҳеҷ гуна хат вуҷуд дошта наметавонад. Хат дар ҳамаи давраҳои таърихии ҷамъият чун воситаи дуюмдараҷа, воситаи иловагии муомила ва алоқаи байни одамон хизмат карда омадааст.

Маълум аст, ки хат дар давраҳои аввалин ба шакли ҳозира вуҷуд надоштааст. Бо ҳарфу аломатҳои гуногун ифода гардидани забон маҳсули давраи охирини тараққиёти хат мебошад. Хат дар давраҳои қадим бо элементҳои забон ифода наёфта бошад ҳам, ба ҳар ҳол, воситаи муомила буд.

Дар давраҳои ибтидоӣ барои ифода намудани ягон мақсаду маъно предметҳои гуногун истифода бурда мешуданд.

Масалан, таърихшиноси Юнони қадим Геродот (дар асри V то эраи мо) менависад, ки синфҳо, дар муборизаи худ ба муқобили форсҳо ба онҳо хук, муш, парранда ва панҷ милтиқ мефиристонанд, ки ин чунин маъно дошт: «Агар шумо, форсҳо, ҳамчун хук дар ботлоқҳо ҷаҳидан, монанди муш дар сӯроххо пинҳон шудан ва монанди парранда париданро ёд нагирифта, ба мо ҳуҷум кунед, мо несту нобуд мешавем».

Ба сифати хат аломатҳои шартии дигар низ истифода бурда мешавад. Аз ин гуна воситаҳо алоқа (бо символ ифода кардани мақсад) хати нақшу нигор имкониятҳои зиёдтар дорад

**Алоқаи забоншиносӣ бо илмҳои дигар**

Забон ба ҳама гуна амалиёти инсонӣ, бо ҳаёт, бо амалиёти техникӣ, фикрӣ, бадеӣ, бо таърихи ҷамъияти инсонӣ алоқаманд аст. Бинобар ин забоншиносӣ бо бисёр фанҳои дигар алоқа пайдо мекунад.

1. Модоме, ки забон пеш аз ҳама, системаи аломатҳо мебошад, вай бо илми назарияи аломатҳо алоқаи зич дорад.
2. Забоншиносӣ бо фанни сотсиология (илм дар бораи сохти ҷамъият) алоқаманд аст. Таълимот дар бораи сохти ҷамъият ва тараққиёти вай ба забоншиносӣ имконият медиҳад, ки аз тарафи синфҳо, табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият чӣ тавр истифода бурда шудани забон муайян карда шавад.
3. Азбаски забон бо тафаккур алоқаи зич дорад аз ин рӯ, забоншиносӣ бо мантиқ алоқаи ҷудонашаванда дорад. Албатта нишонаҳои мантиқ ва забон як хел нестанд. Нишонаҳои мантиқ мафҳум, муҳокима ва хулоса буда, нишонаҳои забон морфема ва ҷумла мебошанд.

4. Предмети асосии забоншиносӣ на фақат забон, балки нутқ ҳам мебошад. Амалиёти нутқӣ дар натиҷаи алоқамандии овозҳо ба вуҷуд меояд, ки онро физиология ҳам аз ҷиҳати ташкилшавии овозҳои нутқ, ҷараёни нутқ бо дастгоҳи нутқ бо дастгоҳи шунавоӣ ба ҳисоб мегирад.

5. Забоншиносӣ бо илми тиб ҳам алоқа дорад. Ин алоқамандӣ аз он ҷиҳат ба амал меояд, ки нутқ ба фаъолияти олии асаб сахт вобаста аст. Махсусан, омӯхтани нутқи кару гунг, кӯрҳо барои фаҳмидани нутқи мӯътадил ва сохти забон имконияти калон медиҳад.

6. Ҳолатҳои овозро як боби физика – акустика меомӯзад. Бо мақсади дурусттар аз худ кардани моҳияти овозҳо ба забоншинос донистани характеристикаи акустикӣ (пастӣ, баландӣ, қувватнокӣ, давомнокӣ ва ғайра) зарур аст.

7. Омӯхтани забонҳои мурда, муайян намудани соҳибони онҳо, доираи интишори онҳо лингвистикаро бо фанни археология, ки дар асоси кофтукови ёдгориҳои таърихии инсониро меомӯзад, низ алоқаманд месозад.

8. Забоншиносӣ бо фанни таърих сахт алоқаманд аст, чунки бисёр далелҳои таърихӣ осори худро мегузоранд, ки вай ин ё он ҷиҳати таърихи забонро дурусттар муайян намояд.

Умуман, лексикология бо таърихи умумӣ алоқаи зич дорад, зеро таърихи калима ва ибораҳоро дар аксарияти мавридҳо бе маводи таърихшиносон муайян намудан душвор аст. Масалан, ба забонҳои туркӣ, форсӣ, тоҷикӣ, татарӣ дохил шудани калимаҳои арабӣ сабабҳои таърихӣ дорад.

9. Фанни забоншиносӣ бо фанни география сахт алоқаманд аст. Номҳои нақшу нигор ва аломатҳои ҳудуди физикӣ-географӣ (баҳрҳо, дарёҳо, ҷазираҳо, кӯҳҳо, ҳамвориҳо, номи мамлакатҳо, аломатҳои гуногун дар харитаҳо) пеш аз ҳама бо нишонҳои забонӣ тааллуқ дошта, географ аз он аломатҳо ба таври васеъ истифода мебарад.

### Калима, ҳамчун воҳиди луғавӣ ва грамматикии нутқ

**Мафҳум ва калима.** Мафҳум яке аз категорияҳои мантиқ, ва яке аз шаклҳои асосии тафаккур ҳисоб шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти объективиро акс менамояд.

Мафҳум бо ҷиҳати зоҳирии худ – овозҳои нутқ зич алоқаманд аст.

Калима бошад, мафҳумро ифода мекунад. Калима дар баробари номҳои предмет ва ҳодисаҳоро нишон додан, маъноҳо, ҳатто баъзан системаи маъноҳоро низ ифода мекунад.

Масалан: гандум, ҷав, пода,зан, қоғаз, моҳ, сафед, соф ва монанди инҳо.

Калима дар маҷмӯи овозҳои нутқ (замин, осмон, чил ва ғайра) ва ё дар овози алоҳида (о, э, у) ифода меёбад. Овозҳо ҷиҳати – берунӣ, яъне ҷиҳати материалии маъно ва ҷиҳати дохилии калимаро ташкил медиҳад. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳар як калима маъно ва системаи шаклҳоро, ки ба ҳамдигар зич алоқаманданд, акс менамояд. Маънои лексикии калима бо хусусиятҳои грамматикии он алоқаи мустаҳкам дорад.

Пас, барои равшан фаҳмидани калима ба ҷиҳатҳои фонетикӣ, мантиқӣ, семантикӣ ва грамматикии он эътибор додан зарур аст.

Маънои калима, аз як тараф, ба проблемаи худи калима, аз тарафи дигар, ба масъалаи муносибати байни забон ва тафаккур вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр,дар тафаккури инсон равшан акс ёфтани предмет, воқеаю ҳодисаҳо ва ё муносибатҳои байни онҳо маънои калима ном дорад.

Калима воҳиди нутқи инсонии ба шакли грамматикӣ овардашуда буда, барои коллективи муайяни одамоне, ки бо умумияти забонӣ муттаҳид шудаанд, баробар фаҳмо мебошад.

Калима, ҳамчун воҳиди нутқи инсонӣ, маҷмӯи овозии мафҳуми предмет, ҳодиса, хислату хусусият, амалу ҳаракат ва ғайра мебошад. Ин маҷмӯи овозӣ хусусиятҳои махсуси ҳодисоти ҳақиқатро инъикос накарда, балки фақат ифодаи онҳо мебошад.

Ҳамин тавр, калима, яъне маҷмӯи муайяни овозҳо, ки ин ё он маъноро ифода мекунад, бо предмети номбар мекардагиаш табиатан алоқаманд нест. Мо инро аз он ҳам фаҳмида метавонем, ки ин ё он предмет ва ё ҳодиса дар забонҳои гуногун (ҳатто дар шеваҳои маҳаллии гуногуни як забонҳ*ам) бо* маҷмӯи гуногуни овозҳо ифода мешавад. Масалан, калимаи *оташдон* дар забони адабии тоҷик айнан дар ҳам ин шакл, аммо дар бисёр шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ дигар хел ифода мешавад. Чунончи, дар Бурчмулло

пйёда, дар Богистон – *дегсанга,* дар Нанай – *сайрак* ва монанди инҳо

Калимаҳо, чунон ки гуфтем, на ҳама вақт ба ин ё он аломати предмет мувофиқ мешаванд, вале, бо вуҷуди ин, онҳоро тамоман бемуносибат ҳам ҳисоб карда наметавонем.

Калима, ҳамчун воҳиди асосии нутқ, тамоми пуррагии семантикии худ, яъне маъноҳои гуногуни худро дар ҷумла зоҳир менамоянд.

Дар вақти талаффуз хусусияти фонетикии калима зоҳир мегардад, бинобар он ҳам дар баробари омӯхтани калима таркиби овозии он низ омӯхта мешавад.

Калима аз морфемаҳо иборат аст, ки онҳо ба калима ё маънои нав медиҳанд ва ё барои муайян намудани муносибати як предмет бо предмети дигар хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки таркиби морфологии калима (реша, суффикс, префикс, асос ва бандак) низ предмети омӯзиш ҳисоб шуда, онҳоро яке аз қисмҳои грамматика – морфология меомӯзад.

Калимаҳо аз рӯи характери морфологиашон якхела нестанд. Калимаҳое, ки предметро ифода мекунад *исм,* калимаҳое, ки аломати предметро нишон медиҳанд – *сифат,* калимаҳое, ки адад ё тартиби предметҳоро нишон медиҳанд шу*мора,* калимаҳое, ки ба ҷои исм, сифат, шумора кор фармуда мешаванд – ҷонишин, калимаҳое, ки амалу ҳолати предметро нишон медиҳанд, – *феъл,* калимаҳое, ки чи тарз ва дар кадом вазъияту ҳолатҳо воқеъ гардидани амалро нишон медиҳанд – *зарф,* калимаҳое, ки барои ифодаи алоқаю муносибатҳои байни калимаҳо хизмат мекунанд – калимаҳо*и ёридиҳанда* (пешояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо), калимаҳое, ки ҳиссиёту ҳаяҷони гуногунро ифода мекунанд – *нидо* ном доранд.

Ҳамин тавр, Ҷамъбасти тамоми мазмуни калима, ки дар процесси амалиёт ва таҷрибаи ҳаёт муайян шуда, дар муносибатҳои анъанавии одамон мустаҳкам гардидааст, маънои калимаро ташкил медиҳад.

Маълум, ки ҳар як калима маъно дорад, бе маъно калима ҳамнест. Ҳатто калимаҳои ёридиҳанда (пешояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо) низ маъно (яъне маъноҳои – грамматикӣ) доранд, зеро онҳо барои ифодаи фикр унсурҳои зарурӣ ба шумор меравнд.

Пас, маҷмӯи овозҳо чи тавр ин ё он маъноро ифода мекунад? Чаро, вақте ки «китоб диҳед» мегӯянд, ҳеҷ кас дафтар, қалам, газета ё дигар предметро надода, маҳз китобро медиҳад? Маҷмӯи овозҳо бо предмет, сифат, амалу ҳолати ифода мекардагиаш чи тарз алоқаи мустаҳкам дорад?

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар байни маҷмӯи овозҳо ва предметҳое, ки ба воситаи ин овозҳо ифода мегарданд, ҳеҷ гуна сабаби дохилие мавҷуд нест. Мо дар бораи он касе, ки номи ӯро медонем, ғайр аз номаш (фарз кунем, номи у Шариф, Зебо ё дигар бошад), ҳеҷ тасаввуроти дигар надорем. На танҳо байни номбаркунӣ ва предмет, балки байни маҷмӯи овозҳо ва мафҳуми ифода мекардагии онҳо низ аксаран монандӣ дида намешавад, зеро овозҳо ҳодисаи физиологӣ буда, мафҳум категорияи мантиқ ва тафаккур мебошад.Ғайр аз ин, дар нутқ чунин маҷмӯи овозҳо низ мавҷуд аст, ки дар худи як забон номҳои предметҳои гуногун ва мафҳумҳои ҳархеларо ифода карда метавонад. Масалан, калимаи «чанг» дар забони тоҷикӣ ҳам ба маънои асбоби мусиқӣ ва ҳам ба маънои гарди хок кор фармуда мешавад. Монанди ҳамин калимаи «бар»: бар – исм (бари хона, бари стол, бари газвор); бар – феъли фармоиш аст.

Предмету мафҳумҳо каму беш ба ҳамдигар монандӣ дошта бошанд ҳам(масалан, дар калимаи бар), аксарияти онҳо, бо вуҷуди бо овозҳои якхела ифода шуданашон, бо ҳам ҳеҷ монандие надоранд (масалан: чанг, сар ва монанди инҳо).

Ба ҳамин тариқ, ҳар як калима доимо барои ифодаи як маъно хизмат накарда, балки чунин калимаҳое низ мавҷуданд, ки предмету мафҳумҳои ҳархеларо ҳам ифода карда метавонанд.

## Сермаъноии калимаҳо (полисемия)

**Воситаҳои инкишофёбии маънохо.** Дар забон калимаҳо аз ҷиҳати маъноҳои ифода мекардаашон гуногун мешаванд: баъзе калимаҳо барои ифодаи танҳо як маъно хизмат мекунанд, ки онҳо *моносемия* ном доранд: шаҳр, қишлоқ, радио, комбайн, телевизор,ақл, фикр, стул, мубтадо, синтаксис ва монанди инҳо.

Аксарияти терминҳои соҳаҳои гуногуни илму фан, техника ва ҳунар ба гурӯҳи моносемия тааллуқ доранд.

Калимаҳое, ки ду ё якчанд маъноро ифода мекунанд, *полисемия* ном доранд. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои забон, даст, роҳ, миён, рӯй, чашм, сар, реша калимаҳои сермаъно – полисемия ҳисоб мешаванд, зеро ҳар кадоми онҳо дар матн ба якчанд маъно меоянд. Инро дар ибораҳои озод ва устувори поён, ки калимаи *забон* дар онҳо ба маъноҳои гуногун омадааст, равшан мушоҳида намудан мумкин аст: забони одам; забони тоҷик (ҳамчун воситаи алоқаи ҷамъиятии халқи тоҷик); забони модарӣ номи фан дар мактабҳо); забон як кардан (ҳам фикр шудан); забон гирифтан (аз тарсу ваҳм гап зада натавонистан); забон кӯтоҳ будан (гунаҳкор будан дар назди касе); забон хоридан ҳаваси сухангӯӣ доштан).

**Маънои маҷозии калимаҳо**

Баъзе калимаҳо, ғайр аз маънои аслӣ – лексикии худ, дар матн маъноҳои дигар – маъноҳои маҷозиро низ ифода мекунанд. Масалан: Хона ҷимҷит шуда монд (Аскад Мухтор. «Хоҳарон»); Доираи якзайл чапак зада истода ҳам баробари раққоса оҳиста-оҳиста ба сӯи сардорон равон гашт. (Ҳамон ҷо)

Дар ин ҷумлаҳо калимаҳои «хона» ва «доира» на ба маънои аслии худ, балки ба маъноҳои маҷозӣ ба ҷои «мардум», “одамон” кор фармуда шудаанд.

Маҷоз мувофиқи маъно ва вазифааш ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешавад:

**1.** **Истиора,** ки дар он як калима ба калимаи дигар **мон**анд карда мешавад, яъне он калимаро истиора мекунад

Чунончи дар шеър ба ҷои калимаи «чашм» – калимаи «наргис, ки он як навъи гул аст, истеъмол мешавад.

Барафрухт он, моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.(Низомӣ).

Дар ин ҷо калимаҳои *моҳ, гул, наргис* ва *гулоб* ба маъно калимаҳои *дилбар, руй, чашм* на *ашк* кор фармуда шудаанд, яъне онҳо истиораи ин калимаҳо шудаанд.

1. **Ташхис** ҳам як намуди маҷоз буда, дар **он** предметҳои беҷон ҳам чун ҷондор тасвир мешаванд:

**Эй сабо, бар мо расон бар дӯстон, омад канал,**
Ҳам **хабар деҳ** наварӯси **бӯстон, омад** канал.

*( М. Турсунзода ).*

Дар **ин ҷо калимаҳои** *сабо, канал, наварус* **ташхисанд,** яъне **онҳо ҳамчун предметҳои ҷондор – одамон ифода шудаанд.**

2. **Синекдоха** чунин намуди маҷоз аст, ки дар он барои ифода намудани ягон ҷиҳати ин ё он предмет, факт ё ҳодиса номи умумии ҳам он предмет, факту ҳодиса зикр карда мешавад. Масалан, аксар вақт ба ҷои «Ман асарҳои Пушкин ё Горкийро хондам» гуфтан «Ман Пушкинро хондам» ё «Ман Горкийро хондам» мегӯянд.

Дар ин ҷо дар маънои калимаи «Пушкин» ё «Горкий» якчанд ё ҳамаи асарҳои онҳо дар назар дошта мешавад.

Ҳамин тавр, маҷоз ва намудҳои гуногуни он низ барои бой ва васеъ гардонидани таркиби луғавии забон, хусусан инкишофи ҷиҳати семантикии калимаҳо аҳамияти хеле калон доранд. Ғайр аз ин, онҳо дар адабиёти бадеӣ низ аз муҳимтарин хелҳои санъати бадеӣ ба шумор мераванд.

Одатан, ба бисёр предметҳо мувофиқи ягон аломаташон ном дода мешавад. Агар ягон предмет аз рӯи ин ё он аломаташ ном гирифта бошад, ба предмети дигар ҳам мувофиқи мушобихати аломати он ба аломати предмети дигар низ ҳамин ном гузошта мешавад, яъне вай ҳам бо ҳамон калима ифода мешавад. Ҳамин тавр, дар забон калимаҳое пайдо мешаванд, ки онҳо предметҳоеро, ки аз рӯи, аломатҳояшон ба ҳам монанданд, ифода мекунанд. Масалан, калимаи «чашм»ро дида бароем.

Калимаи «чашм», ки узви биниши предметҳои ҷондор (одам, ҳайвон ва ғайра) аст, маҷозан барои ифодаи сӯрохиҳои ғалберу элак ё дигар предметҳо низ истеъмол мешавад. Масалан, чашми ғалбер, чашми элак ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр, сермаъноии калима гуфта мо ба маъноҳои гуногун истеъмол шудани онро мефаҳмем, ки ин ҳодиса асосан ба матн ва ба имконияти (мувофиқи баъзе аломатҳои умумиашон) аз як предмету ҳодиса ба дигар предмет, ё ҳодиса кӯчонидани ном вобаста мебошад. Воситаҳои аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо дар забони тоҷикӣ гуногунанд:

1. Ном на маънои он дар натиҷаи ба**ҳам** монандии ранг, ҳаракат, сифати предметҳо на**ғайра** аз як предмет ба дигар предмет мегузарад.

Масалан: **бурро** – ханҷари бурро; забони бурро; **сахт** – стули сахт (мустаҳкам), қанди сахт, нони сахт; одами сахт (хасис), **дили** сахт (одами сахтдил); **дарс** – дарси **забон;** дарси **ҳаёт** (ин воқеа барои ҳаётиояндаи ман дарс ҳисоб меёбад); **хазон** – баргҳои зарду хушкшудаи дарахтон; Умри ӯ **хазон** шуд; коса – яке аз ашёҳои рӯзгор (даҳ дона коса харидам) – Ту мастоба хӯрдӣ – Як коса **хӯрдам.**

3. Дар ҳангоми ба исмҳои ҷинс гузаштани номҳои хос (ва баръакс) низ ҳодисаи аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо мушоҳида мешавад. Чунончи, Банорас – номи яке аз шаҳрҳои Ҳиндустон буда, дар забони тоҷикӣ дар айни замон номи мато аст, ки дар замонҳои пеш аз он фаранҷӣ ва камзул медӯхтанд. ё худ калимаи зеборо дорем. Зебо – хусни зебо, бинои зебо, хулқи зебо; Зебо – номи духтарона.

1. Аз як маъно ба дигар маъно гузаштани калимаҳо дар асоси ба ҳаммонандии вазифаи иҷро мекардаашон низ руй медиҳад: қанот– қаноти паррандагон; қанот – қаноти самолёт.

Қайд карда гузаштан зарур аст, ки ин ё он калима, гарчанд сермаъно бошад ҳам, дар матни муайян доимо як маъниро ифода мекунад. Дар ҷумлаҳои гуногун ба маъноҳои гуногун истеъмол шудани калимаҳо яке аз роҳҳои бой шудани забон ба шумор меравад.

Чи тавре ки аз мисолҳои боло маълум гардид, аксарияти ин гуна калимаҳо дар баробари аз як маъно ба дигар маъно гузаштанашон хусусиятҳои лексикӣ – грамматикӣ, вазифаю муносибатҳои синтаксисии худро низ дигар мекунанд. Масалан, агар калимаи Банорас аслан ҳам чун номи яке аз шаҳрҳои Ҳиндустон исми хос ҳисоб ёбад, дар баъзе ҷумлаҳо вай ба вазифаи сифати нисбӣ гузашта, ҳам чун муайянкунандаи нисбӣ истеъмол мешавад, яъне акнун он на предмет, балки сифати предметро нишон медиҳад

Ва ё калимаи «сабз»-ро гирем. Маълум, ки «сабз» сифати аслӣ буда, ба ранги предмет далолат мекунад (барги сабз, сатини сабз, ранги сабз), вале дар нутқ ин калима бо калимаҳои дигар алоқаманд гашта, ибораҳои номӣ месозад ва дар таркиби ин ибораҳо (дасти сабз, сари сабз) маънои аслии худро гум карда, на ба ранг, балки ба хислату хусусиятҳои одам далолат мекунад.

**Савол ва супоришот:**

1. Аҳамияти пайдоиши забон ва тараққиёти тарихии он.
2. Дар бораи назарияи тақлиди овозӣ маълумот диҳед.
3. Асосгузорони назарияи садоҳои меҳнатӣ кадом олимон мебошанд..
4. Назарияи аҳди сотсиалӣ дар чандум аср ба вуҷуд омад.
5. Забоншиносӣ бо кадом илмҳо алоқаи зич дорад.
6. Калима аз мафҳум чӣ тафовут дорад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик. –Душанбе: «Дониш», 1970.
2. Фозилов М., Ҳусейнов Х. Пайдоиши забон ва инкишофи он. –Душанбе, 1963 .
3. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. –Душанбе: «Маориф», 1977.
4. Ирисқулов М. Тилшуносликка кириш. –Тошкент, 1996.
5. Азизов О. Тилшуносликка кириш. –Тошкент, 1999.
6. Абдуазизов А. Тилшуносликка кириш. –Тошкент,2002.

ӯринбоев Б., йӯлдошев Б. Тилшунослик асослари. –Тошкент, 2004.

Мавзӯи 3 | ЗАБОН ва ҶАМЪИЯТ | Маърӯза

**Нақша:**

1. Забон ҳамчун ҳодисаи ҷамиятӣ.
2. Таъсири забон ба ҷамъият ва ҷамъият ба забон.
3. Хусусияти ҷамъиятии забон.
4. Тафриқаи байни забону ҷамъият
5. Забон ва нутқ

Забон бо ҷамъият, бо соҳибони худ алоқаи зич дорад, зеро вай ба туфайли ҷамъият вуҷуд дорад. Ҷамъият ҳам бе забон вуҷуд надорад, яъне ҷамъияти безабон намешавад. Забону ҷамъият дар як вақт ба амал омадаанд ва яке аз омилҳои пайдоиши инсон ба шумор мераванд.

Муносибати забону ҷамъият яке аз масъалаҳоп мураккаб ва гуногунпаҳлӯи илми забоншиносӣ мебошад. Ин мавзӯъ масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад. Ба он масъалаҳои табиат ва моҳияти иҷтимоии забони инсоният, сабабҳои ҷамъиятии пайдоиш ва инкишофи забон, забон ва шаклҳои умумияти таърихии одамон, сабабҳои иҷтимоии ташаккули забони адабӣ ва меъёри он, сабаби иҷтимоии фарқи структурии забонҳо, функсияҳои услубҳои забон, таъсири шууронаю мақсаднокии ҷамъият ба забон, вобастагии ҷамъият ба забон ва ғайраҳо дохил мешавад.

Аз рӯи табиати худ забон ҷамъиятӣ мебошад. Ба ин ҳам вазифа, ҳам рол ва ҳам талабот ба он шаҳодат медиҳад, аксари забоншиносон ба ҷамъият чун воситаи алоқа хизмат намудани забонро нишон медиҳанд. Ҳатто забоншиносони идеалист ва философҳо аз қабили Гумбольдт, Гегель, Сепир ва Уорф ба ҷамъият чун воситаи муносибат хизмат кардани забонро қайд кардаанд. "Аксари забоншиносони советӣ дар ҳамин ақидаанд. Ба фикри онҳо, функцияи муносибат вазифаи маркази ва аввалиндараҷаи забон мебошад ва ин вазифа дар адои функцияҳои дигари забон аз қабили таъсиррасонӣ, ахбор додан, ба шакл даровардану ифода намудани фикр ёрӣ мерасонад, зеро

муносибати байни одамон намебуд, ифодаи фикр ҳам зарурат намедошт. Фалсафаи марксистӣ роли ҳалкунанда бозидани муносибати меҳнатии одамонро дар ташаккул ва тараққиёти забон қайд мекунад.

Муносибати забону ҷамъият яке аз масъалаҳои асосии назарияи забоншиносӣ буда, онро социолингвистика меомӯзад.

**Забон ва фаъолияти нутққунӣ.** Забонро бе фаъолияти нутққунӣ тасаввур кардан мумкин нест, зеро он дар натиҷаи нутқ такмил меёбад, тараққӣ мекунад. Забон натиҷаи фаъолияти одамон мебошад. Фаъолияти нутққунӣ ду ҷиҳат дорад: а) индивидуалӣ -психикӣ ва б) объективӣ-иҷтимоӣ. Фаъолияти нутққунӣ пеш аз ҳама муносибати одамон ба ҳамдигар ба воситаи забон мебошад ё ки амали (акти) коммуникативист. Ин амалиёт бештар дар шакли диалог ба амал меояд.

Амалиёти нутқ ва қобилияти забондонии гӯянда хусусияти психофизикӣ дорад, вале ин нишонаи индивидуалӣ будани фаъолияти нутққуниро намефаҳмонад, зеро вай моҳиятан ҷамъиятӣ аст. Забон компоненти асосии нутққунист. Нутқ структураи муайян дорад, ки вай хоси ҷамъият мебошад. Одамон барои сухандонии худро нишон додан ва ё забонро аз нав барқарор кардан не, балки барои ифодаи ахбори ғайризабонӣ гап мезананд. Онҳо воситаҳои забониро барои ифодаи фикр, ҳиссиёт истифода мебаранд ва баробари ин ба шаклу тарзҳои ифода низ диққат медиҳанд.

**Дузабонӣ.** Дузабонӣ низ психофизикӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Алоқаҳои забонӣ, омезиши забонҳо ва муносибати забонҳо яке аз шартҳои инкишофи забонҳо мебошад. Дузабонӣ (билингвизм) яке аз шаклҳои инкишофи забонҳо дар забоншиносии назариявӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Дараҷаи аз худкунии забонҳо гуногун мешавад, дараҷаи олии он забони дуюмро забони модарӣ донистани (шуморидани) гӯянда мебошад. Билингвизм калимаи лотинӣ буда, аз ду ҷузъ — би (ду) ва лингуа (забон) таркиб ёфтааст ва маънояш дузабонӣ мебошад. Агар шахси ҷудогона ду забонро донад, билингвизми индивидуалӣ ва агар гуруҳи одамон бо ду забон гап зананд, билингвизми умумӣ меноманд.

Дузабонӣ ва шаклҳои он ба шароити конкретӣ-таърихии тараққиёти халқҳо ва сохти иҷтимой иқтисодй ва маданӣ-сиёсии онҳо вобаста мебошад. Ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки на танҳо шахсони ҷудогона, балки табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ҳатто халқҳои ҷудогона хусусияти дузабонӣ пайдо карда метавонанд. Дар ин ҳолат билингвизми пурра ва ё миллӣ мегӯянд. Дузабонӣ ба ҳамаи давраҳо хос бошад ҳам, дар давраи таҷаддуд инкншоф меёбад, зеро дар ин давра забонҳои нав ба нав маълум мешавад ва инчунин баъзе забонҳои адабӣ-китобӣ функсияҳои махсусро (ба ҷо овардани ибодат, корҳои давлатӣ, фаъолияти илмӣ ва ғайра) адо менамуданд. Ин забонҳо вазифаи байналмиллалиро адо менамуданд. Дар Шарқ забонҳои арабӣ, форсӣ ва хитой, дар Европа лотинӣ, дар як қатор халкҳои славян славянии динӣ (церковнославянский) ҳамин гуна вазифа доштанд. Дар аввалҳо дузабонӣ маҳдудияти иҷтимоӣ дошт, зеро баъзе намояндагони синфҳои доро, инчунин намояндагони дин, дипломатҳо, олимон ду забонро медонистанду халос.

Дузабонӣ дар замони мо шакли умумӣ гирифтааст. Ин ҳодисаро дар байни халқхои Америкаи лотинӣ, дар Бельгия, Швейцария, Англия, Франция, Америка, Ҳиндустон, мамлакатҳои араб мушоҳида кардан мумкин аст. Дузабонӣ ба мамлакати мо низ хос аст. Аксарияти миллату халқияти мамлакати мо баробари забони модарии худ забони русиро низ медонанд, яъне дар мо билингвизми умумӣ мушоҳида мешавад.

Омӯзиши ҳодисаи дузабонӣ ва намудҳои он шаҳодат медиҳад, ки дузабонӣ ду навъ мешавад: иртиботӣ (контактӣ) ва ғайрииртиботӣ. Иртиботӣ дар ҳолати якҷоя, алоқамандона зиндагӣ кардани ду халқ ба вуҷуд меояд. Ин намуд устувор ва доимӣ буда, аз насл ба насл мегузарад ва яке аз асосҳои омезиши забонҳо мегардад. Ин навъи билингвизм ба республикаи мо ҳам хос аст, зеро дар территорияи он халқиятҳои зиёде аз қабили бадахшониҳо — шуғнониҳо, рӯшониҳо, ишкошимиҳо, язғуломиҳо, сарикӯлиҳо ва инчунин яғнобиҳо ва қисман ӯзбекҳову қирғизҳо баробари забони модарии худ аз забони тоҷикӣ истифода мебаранд. Дар ин ҳолат забони тоҷикӣ функцияи байналмиллалиро адо мекунад. Албатта, намунаи барҷастаи забони байналмиллалӣ забонҳои русӣ

ва англисӣ мебошад, чунки бо ин забонҳо халқу миллатҳои зиёде гуфтугӯ мекунанд.

Ғайри-иртиботӣ гуфта ҳамон ҳодисаро меноманд, ки забони халқи дигарро махсусан меомӯзанд. Масалан, забонҳои англисӣ, испанӣ, немисӣ, русӣ, французиро ҳамчун забонҳои хусусияти умумиҷаҳонӣ дошта дар мактабҳои мамлакатҳои гуногун меомӯзанд.

Вақте ки масъалаи дузабонӣ (билингвизм) ба амал меояд, забони модариро фарқ ва аниқ кардан (дар ҳолате ки ҳар ду забонро баробар медонанд) шарт аст, яъне кадоме аз забонҳо забони модарӣ шуморида мешаванд. Забони модарӣ гуфта ҳамон забонро мегӯянд, ки шахси конкрет ва ё коллективи одамон онро ба дараҷаи бояду шояд медонанд, бо он озод ва фаъолона гап мезананд, дар тамоми шароитҳо (на танҳо гап мезананду мефаҳманд, балки фикр мекунанд) бо он сухан мекунанд. Забони модарӣ забонест, ки бо он ҳамеша дар ҳама гуна шароит фикрро ифода кардан мумкин аст. Агар ин ё он шахс ду ва ё зиёда забонро як хел донад, он гоҳ забони модарӣ гуфта, забони миллатро меноманд.

Доир ба дузабонӣ ягонагии фикр нест. Баъзеҳо ҳамон вақт дузабонӣ мешуморанд, ки ҳар ду забонро озод ва пурра донед, вале ба фикри гурӯҳи дигар, забони дуюмро донистан ва каму беш гап задан ҳам кифоя. Профессор Холназаров Қ. Х. ду тарз фаҳмидани билингвизмро нишон медиҳад. Аз ҷиҳати лингвистӣ гирем, ҳамон вақт дузабонӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳар ду забонро озод ва пурра донед, аз нуқтаи назари социологӣ бошад, як хел донистани ҳар ду забон шарт нест.

Инчунин қонунҳои рушди забони адабӣ, забонӣ адабӣ ҳолати умумии меъёрҳо, падидаҳои устувор ва ноустувор дар он дар бораи фарҳанги нутқи забонӣ адабӣ ҳеҷ гоҳ бидуни тафтиш ҳарф задан имкон надорад ин не. Ҳам забон ва ҳам рафтор бо хун ба инсон ворид мешавад ва ба тамоми бадан ва ҷони ӯ ворид мешавад. Онҳоро нодида гирифтан ҳамеша хурду калон аст, зеро онҳо анъанаҳои пароканда мебошанд боиси фоҷеаҳо мегардад. Илми фарҳанги нутқ як соҳаи амалии беназири забошиносии ӯзбек мебошад. Ӯ дар асоси донишҳое, ки аз курсҳои назариявии забоншиносӣ ба даст оварда шудаанд ва тарзи

сохтани  сухани зебо ба шумо таълим медиҳад. Ин забон, меъёрҳои забон, сухан, сифатҳои сухан, услубҳои нутқ, камбудиҳо ва хатогиҳои нутқ, суханронӣ мушкилоти талаҷҷузро баррасӣ мекунад. Фарҳанги нутқ  ҳамчун илм дорои объекти тафтиш ва функсияҳои худ мебошад ва соҳибзабон бо таркиби луғавии пурғановат метавонад фаъолияти суханронии худро густариш диҳад.

Фаъолияти забон ва нутқро дар гузашта бо воситаи илми балоғати сухан сайқал бахшидаанд ва балоғат дар тамаддуни гузаштаи мо илме будааст, ки се шохаро дар бар мегирифтааст:

а) илми маонӣ

б) илми баён

в) илми бадеъ

*Илми маонӣ* - қонунияти ҷумлабандӣ ва баёни фикрро дар бар мегирад ва бо грамматикаи имрӯза баробар меояд.

*Илми баён* - масъалаҳои бенуқсон баён кардани фикр, зебо ва таъсирбахш ҳарф заданро меомӯзад ва тахминан вазифаҳои он ба талаботи услубшиносӣ ва ҳусни баёни имрӯза баробар меояд.

*Илми бадеъ* -  илми ороиши сухан  бо  санъатҳои маънавӣ ва лафзист, ки дар назмшиносӣ (дар илми адабиёт) омӯхта мешавад ва бо услубшиносӣ ва ҳусни баён алоқамандӣ дорад.

Забон барои ҷомеа ягона ва умумист. Ин забони ягона ва умумӣ як вазифаро адо мекунад. Ифодаи фикр ва алоқаи фикрии одамон.

Забон ҳамин вазифаи худро ду тариқа адо мекунад:

а) шифоҳӣ

б) хаттӣ

Мавзуи  аввали  баҳси  услубшиносӣ – услубҳои нутқ:

Дар  заминаи  шохаи  хаттии  забон  услубҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти аъзоҳои ҷомеа алоқамандӣ доранд. Дар заминаи забони хаттӣ аз қадим 4 услуб 3-тоаш аз асри X:

а) услуби муошират

б) услуби коргузории расмӣ

в) услуби илмӣ

г) услуби бадеӣ

д) аз ибтидои асри XX дар солҳои 1910 услуби нутқи публисистӣ (рӯзноманигорӣ) ба вуҷуд омад.

Дар заминаи забони зинда услуби нутқи муошират аз замонҳои қадим ба вуҷуд омадааст.

Ҳамаи ин услубҳои нутқ аз ҷиҳати ҳадафи худ ва истифодаи унсурҳои забонӣ фарқ мекунанд. Масалан, мақсади услуби нутқи муошират мубодилаи озоди фикр аст ва он дар муҳити оилавӣ, дар муҳити ҷамъиятӣ, кӯчаву бозор истифода мешавад.

Ҳадафи услуби илмӣ кашфиёт ва тарғиби илм аст.

Дар услуби муошират ҳамон унсурҳои забон ба кор бурда мешавад, ки дар забони зинда маъмуланд.

Чунончи: калимаҳои гуфтугӯйӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаҳои хоси касбу ҳунар (проффессионализмҳо), алфози қабеҳ (вулгаризм), як миқдор калимаҳои бегона (варваризм), ибораю ҷумлаҳои рехта (ВФ) ва ғайра ба кор бурда мешаванд.

Дар услуби илмӣ бошад, мувофиқи меъёри забони адабӣ баён кардани фикр ва бештар унсурҳои забони хаттӣ, фаровон кор фармудани истилоҳот (терминҳо) расм буда, худдорӣ кардан аз ороиши сухан ва бештар эътибор додан ба мантиқи ҷумла характернок аст.

Мавзӯи дуюми баҳси услубшиносӣ

**2. Воситаҳои муассири забон**

Муассир - таъсирбахш. Як фикрро ду тариқа баён кардан мумкин аст.

а) мӯътадил (одӣ)

б) образнок (муассир, рангин) «Хоби Ҳорун-ар-рашид».

Пайрав шеърҳои лирикӣ менависад. Истеъдод дорад, оянда ба адабиёти тоҷик хизмат мекунад.

С.Айнӣ дар ҳаққи пайрав навишта буд: "Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд. Вай соҳиби истеъдоди комил аст, бӯстони

нави адабиёти тоҷик аз оби равони табъи ин ҷавон бисёр сарсабзиҳо умед дорад" ("Адабиёт ва санъат",13.07.2017).

Воситаҳои муассири забонро ҳам дар унсурҳои овозӣ, ҳам дар интонатсия (оҳанг), ҳам дар интихоби калима, ҳам дар кор фармудани ибораҳои рехта, дар калимасозӣ ва таркиббандӣ, дар кор фармудани унсурҳои шаклӣ, (морфологӣ) ва ниҳоят дар иборасозӣ ва ҷумлабандӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Мисол:

*Сари* савдозадаи ман, ки *сари* (таманнои) зулфи ту дошт,

Рафт бар боду ҳанӯзам *сари* (хаёли) он аст, ки буд (Камол).

**Меъёри забони адабӣ ду хусусият ё принсип дорад:**

а) Муназзамӣ ё ба тартиб овардани овозҳо, калимаҳо.

б) Пойдорӣ, устуворӣ, зуд-зуд тағйир наёфтан: Хеш-хвеш

Забони адабӣ чунин меъёр дорад, ки аз тарафи умум ба тариқи ҳатмӣ расман эътироф карда мешавад. Меъёри забони адабӣ аз тарафи давлат муқаррар карда мешавад ва расман дар луғатномаҳо, дар китобҳои дарсӣ сабт мегардад. Риояи меъёри забони адабиро, пеш аз ҳама, ҳукумати Тоҷикистон, устодони каломи бадеъ, нависандагони нуктасанҷ назорат ва бонӣ мекунанд. Забони адабӣ дар як ҳолат шах шуда намемонад, баробари инкишофи ҷамъият тадриҷан тағйир меёбад. Ин дигаргунӣ дер ё зуд дар меъёри забони адабӣ низ инъикос мегардад. Аммо аз рӯйи принсипи пойдории меъёр зуд-зуд тағйир ёфта истодани қоидаҳои истифодаи забон воҷиб нест.

Қонуни асосӣ, сарқонун ва конститутсия аз он сабаб пайдо шуд, ки майли ба ва қонуну устувории забони тоҷикӣ мувофиқ кардани калимаю иқтибосоти ба тозагӣ сохта шуда пайдо шуд. Оқибат ба хулосае омаданд, ки бигзор калимаи «конститутсия» монад.

Меъёри забони адабӣ аз худи забон бармеояд ё онро аз берун муқаррар мекунанд? Ҳам ину ҳам он. Пас, меъёри забонро худи ҷомеа аз дохили забон муайян ва назорат мекунад

**Савол ва супоришот:**

1. Забон бо ҷамъият чӣ гуна алоқа дорад?

2. Забон оё ҷамъиятӣ ҳаст ё не?

3. Фикрҳои философҳо оиди забон?

4. Вазифаи забон ва фаъолияти нутқкунӣ дар чист?

5. Фикрҳои шумо оиди дузабонӣ?

6. Балоғати суханро дар чӣ мебинед?

7.Меъёри забон чист?

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Арзуманов С., Ҷалолов О. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для высших учебных заведений. –Душанбе, 1969.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ) қ. 1. –Душанбе, 1973.
1. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Забоншиносӣ. –Душанбе: «Ирфон», 1980.
3. Оранскиӣ И. М. Введение в иранскую филологию. –М., 1960.
4. Рустамов Ш. Забон ва замон. –Душанбе: «Ирфон», 1981

## IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ

### 1-Муқаддима. Мавқеи забони адабии тоҷик дар гурӯҳи забонҳои эронӣ

Сарчашмаҳои забони миллии тоҷик. Се сарчашмаи забони миллии тоҷик ва аҳамияти он. Мавқеи забони адабии тоҷик. Воҳидҳои забон: фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва хусусиятҳои асосии онҳо. Бобҳои грамматика ва вазифаи онҳо.

**Адабиёт:**


1. Малик Кабиров, Амон Воҳидов. Забони адабии ҳозираи тоҷик. кисми Самарқанд,2010.
2. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. қ.I. Душанбе-1985 саҳ. 12.

Забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе-1973. саҳ.3-9


### 2-Маълумот дар бораи воҳидҳои асосии забон

Воҳидҳои асосии забон - фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва хусусиятҳои асосии онҳо. Фонемаҳо ва калимасозӣ ва калимафарққунии онҳо. Аз фонемаҳо сохта шудани воҳидҳои дигари забон. мБобҳои грамматика ва вазифаи онҳо.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ.1.- Нашри академӣ. – Душанбе:1989. - 225 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Қисми 1. – Душанбе: Ирфон.1973. 452 с.
3. Кабиров М., Воҳидов А. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Самарқанд. 2010, 159 с.


### 3-Имло ва аҳамияти он

Тағиротҳое, ки оиди имло дар солҳои охир ба амал омадааст ба талабагон омӯзонидан ва бехато навиштан.

Дар амал имлои забони тоъикиро ба талабагон омӯзонидан (ба воситаҳои машқҳо).

**Адабиёт:**


1. Фонетикаи забони адабии тоҷикӣ - Душнбе 1989.
2. Забони адабии ҳозираи тоъик. –Душанбе-1973

3. Имлои забони тоҷикӣ. Душанбе: 2011

**4-Калима ҳамчун воҳиди луғавӣ**

Мавқеъи калима дар нутқ. Хусусияти ба худ хоси калима. Калима объекти таҳлили се қисми забоншиносист. (лексикология, фонетика ва грамматика).

**Адабиёт:**


3. Малик Кабиров, Амон Воҳидов. Забони адабии ҳозираи тоҷик. кисми Самарқанд,2010.
4. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. қ.I. Душанбе-1985 саҳ. 12.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе-1973. саҳ.3-9


**5-Муайян намудани сермаъногии калимаҳо**

Дар забон аксари калимаҳои худӣ сермаъно мебошанд. Сермаъноии калимаҳо танҳо дар матн муайян карда мешавад. Сабабҳои сермаъноии калимаҳоро муайян намудан.

Дар амал тадбиқ карда тавонистани сермаъноии калимаҳо дар матн. Маҷоз ва хелҳои онҳоро дар амал муайян карда тавонистан.

**Адабиёт:**


1. Малик Кабиров, Амон Воҳидов. Забони адабии ҳозираи тоҷик. кисми Самарқанд,2010.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тољик, қисми 2. - Душанбе, Дониш, 1985
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тољик кисми 3. - Душанбе, Дониш, 1989


**6-Ҳиҷо, зада ва оҳанг (интонатсия)**

Ҳиҷо, зада ва оҳанг (интонатсия). Ҳиҷо – воҳиди хурдтарини талаффуз. Зада ва моҳияти фонетикии он. Моҳияти фонетикии зада. Оҳанг – воситаи асосии ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла аст. Унсурҳои оҳанг. Намудҳои оҳанг.

**Адабиёт:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ.1.- Нашри академӣ. – Душанбе:1989. - 225 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Қисми 1. – Душанбе: Ирфон.1973. 452 с.
3. Кабиров М., Воҳидов А. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Самарқанд. 2010, 159 с.

4. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф. 1989.-200

## 7-Орфоэпия. Хат. Имло

Мафҳуми орфоэпия. Қоидаҳо ва нормаҳои талаффузи адабӣ. Нормаҳои талаффузи дурусти овозҳои забони тоҷикӣ (садонокҳо, ҳамсадоҳо) ва воҳидҳои забарзанҷирӣ (зада, оҳанг, фраза, синтагма). Хат. Пайдоиши хатҳои аввалин. Мавқеи хат дар ҷамъият. Имло ҳамчун системаи таърихан ташаккулёфтаи маҷмӯи қоидаҳое, ки ягонагии тарзи сабти нутқи хаттиро муайян мекунад. Вазифаи чамъиятии имло. Қоидаҳои муҳимтарини имлои тоҷикӣ. Принсипҳои асосии имлои тоҷикӣ. Принсипҳои фонетикӣ; Принсипи морфологӣ; Принсипи таърихию анъанавӣ.

**Адабиёт:**

1. Афсаҳов А. Қаҳҳоров Х. Хат ва пайдоиши он. – Душанбе: «Маориф» 1994.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Қисми 1. – Душанбе: Ирфон.1973. 452 с.
3. Имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1999.- 34 с.
4. Кабиров М., Воҳидов А. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Қисми 1. – Самарқанд. 2010, 159 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. ҷ. 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе: 2007

# ГЛОССАРИЙ

**1. Лексикология** - калимаи юнонӣ буда, таълимот дар бораи калимаҳо мебошад.

**2.Метафора** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «кӯчида» аст.

**3.Идиома –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «хислати махсус» мебошад.

**4.Моносемия** – калимаи юнонӣ буда маънояш «як, ягон» аст.

**5.Синекдоха**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «тасаввуршаванда» мебошад.

6.**Полисемия** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёрмаъно» аст.

7.**Эвфемизм** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «хуб мегӯям» мебошад.

**8.Какэмфотон** – калимаи юнонӣ буда, маънояш сухани «дағал» гуфтан аст.

9.**Этимология -** калимаи юнонӣ буда, илм дар хусуси калимаҳоитаърихӣ аст.

10.**Контекст** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвандшавӣ» аст.

11.**Эллипсис** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳориҷ кардан» аст.

12.**Термин -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳад, худ, аломат» мебошад.

**13.Омоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «якхела ном гирифтан» аст.

**14.Синоним** -калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҳамном» мебошад.

**15.Антоним -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «муқобил» мебошад.

**16.Лексикография** - калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳандаилуғатҳо» мебошад.

**17.Архаизм –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «қадима» мебошад.

**18.Калка -** калимаи французӣ буда, маънояш «нусха дар қоғази шаффоф» аст.

**19.Артикулятсия** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «саҳеҳ ва равшан талаффуз карда тавонистан» мебошад.

20.**Экскурсия -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баромада рафтан» аст.

21.**Депурсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «баргаштан» аст.

**22.Вокализм** - калимаи лотинӣ буда, маънояш «садо» мебошад.

**23.Консонантизм** – калимаи лотинӣбуда маънояш «овози ҳамсадо» мебошад.

**24.Фраза –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ифода», «ибора», «ҷумла» мебошад.

**25.Ассимилятсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «монандшавӣ» аст.

**26. Фонема –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «овоз», «садо» мебошад.

**27.Орфоэпия –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «талаффузи дурусти овозҳо» кардан

мебошад.

**28.Грамматика –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «санъати хаттӣ» мебошад.

**29.Лексема –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калима» мебошад.

**30.Модел –** калимаи французӣ буда, маънояш «намуна», «қолаб» мебошад.

**31.Аффикс, аффиксатсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «васл шудан» мебошад.

**33.Префикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан аз аввали калима» мебошад.

**34. Пастфикс –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «илова шудан ба охири калима» мебошад.

**35.Деривасионӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунии маънои калима» мебошад.

**36.Релясионӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «дигаркунандаи шакл» мебошад.

**37.Редупликасия** – калимаи лотинӣ буда, маънояш «дучандшавӣ» аст.

**38.Артикл –** калимаи французӣ буда, маънояш «ҳисса, қисм» мебошад.

**39.Субстантивасия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «исмшавӣ» аст.

**40.Инверсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «ҷойивазкунӣ» мебошад.

**41.Политонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бисёр» мебошад.

**42.Монотонӣ –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «зада» мебошад.

**43.Модалӣ –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «тарз», «восита» мебошад.

**44.Суплетивизм** – калимаи лотинӣ буда, маънои «пурра кардан»-ро дорад.

**45.Синтстикӣ**– калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайвастшавӣ» мебошад.

**46.Аналитикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «ҷудошавӣ» мебошад.

**47.Категория –** калимаи юнонӣ буда, маънояш, «нишона» мебошад.

**48.Синтаксис –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «тартибдиҳӣ», «сохтан» мебошад.

**50.Орфография –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «дуруст менависам» мебошад.

**51.Транскрипсия –** калимаи лотинӣ буда, маънояш «рӯнависӣ» мебошад.

**52.Генеология –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «хешӣ», «қаробатӣ» мебошад.

**53.Эпикурист –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайравӣ» мебошад.

**54.Паратаксис –** калимаи юнонӣ буда, маънояш «пайваст», «алоқаи пайваст» мебошад.

**55. Автосемантикӣ** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «доираи маънои пурраи ҷузъҳо» мебошад.

**56.Синсемантика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш «нопурра, яке аз ҷузъҳои ҷумлаимураккаб» мебошад.

**57.Параллелизм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «дар як вақт иҷро гаштани амалу ҳолати предмет» мебошад.

**58.Анафора -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «такрори хелҳои ҷонишин дар таркиби ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб» мебошад.

**59.Асиндетика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «бепайвандак ифода ёфтани ҷумлаҳо» мебошад.

**60.Семиотика -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «аломат» мебошад.

**61.Гипотаксис -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «алоқаи тобеъ» аст.

**62.Вулгаризм -** калимаи лотинӣ буда, маънояш «сухани қабеҳ, номатлуб» аст.

**63.Вомӣ** – калимаи арабӣ буда, маънояш «бевосита дохил шудани калимаҳои беруна» мебошад.

**64.Жаргон –** калимаи французӣ буда, маънояш «сухани бехудагӣ» мебошад.

**65.Арготизм -** калимаи французӣ буда, калимаи хоси шевагӣ аст.

**66. Варваризм -** калимаи юнонӣ буда, маънояш «калимаҳои ҳориҷӣ» мебошад.

**67. Адстрат**-робитаи забонҳои ҳамсарҳад.

**68. Суперстрат-** ҳамроҳ шудани забони бегона ба забони халқҳӣ-маҳаллӣ ва ба таркиби он омехта шуда рафтани он.

**69. Субстрат-** инҳодиса акси суперстрат аст. Ба забони бегона ҳамроҳ шудани забони маҳаллӣ ва ба таркиби забони бегона ҳал шудани он.

# VIII. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ


**I. Ўзбекистон Республикаси Президентининг асарлари**

1. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб ҳалқимиз билан бирга қурамиз. – Т.: “Ўзбекистон”. 2017. – 488 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Миллий тараққиёт йўлимизни қатъият билан давом эттириб, янги босқичга кўтарамиз – Т.: “Ўзбекистон”. 2017. – 592 б.

**II. Норматив-ҳуқуқий ҳужжатлар**

3. Ўзбекистон Республикасининг Конституцияси. – Т.: Ўзбекистон, 2018.
4. Ўзбекистон Республикасининг “Таълим тўғрисида”ги Қонуни.
5. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2015 йил 12 июндаги “Олий таълим муасасаларининг раҳбар ва педагог кадрларини қайта тайёрлаш ва малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида” ги ПФ-4732-сонли Фармони.
6. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги 4947-сонли Фармони.
7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг "Олий таълим тизимини янада ривожлантириш чора-тадбирлари тўғрисида”ги 2017 йил 20 апрелдаги ПҚ-2909-сонли Қарори.
8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг “2019-2021 йилларда Ўзбекистон Республикасини инновацион ривожлантириш стратегиясини тасдиқлаш тўғрисида”ги 2018 йил 21 сентябрдаги ПФ-5544-сонли Фармони.
9. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 майдаги “Ўзбекистон Республикасида коррупцияга қарши курашиш тизимини янада такомиллаштириш чора-тадбирлари тўғрисида”ги ПФ-5729-сон Фармони.
10. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 17 июндаги “2019-2023 йилларда Мирзо Улуғбек номидаги Ўзбекистон Миллий университетида талаб юқори бўлган малакали кадрлар тайёрлаш тизимини тубдан такомиллаштириш ва илмий салоҳиятини ривожлантири чора-тадбирлари тўғрисида”ги ПҚ-4358-сонли Қарори.
11. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сонли Фармони.
12. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2019 йил 27 августдаги 8 октябрдаги “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармони.

**Ш. Махсус адабиётлар**

13. Дастури таълимии забони точикӣ, (с. 5-9). Тошкент, 2003.
14. Мутолиа кардан: Таълим методлари.Тошкент, 2004, 2 бўлим.

15. Хӯҷақулов С. Технологияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик. Васоити таълимӣ-услубӣ. Самарқанд. СамДУ: 2012.

16. Истамова М. Методикаи таълими забони точикӣ. Самарқанд. –2003.

17. Истамова М., Адашуллоева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ Дар асоси технологияи нави таълим. –Самарқанд, 2015.

**IV. Интернет сайтлар**

18. Ўзбекистон Республикаси Олий ва ўрта махсус таълим вазирлиги: www.edu.uz.
19. http://bimm.uz
20. http://ziyonet.uz

**Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida o'tkaziladigan Tojik tili yo'nalishi o'quv-uslubiy majmualari bo'yicha**

**EKSPERT XULOSASI**

Samarqand davlat universiteti huzuridagi pedagogik kadrlarni qayta tayyorlash va ularning malakasini oshirish mintaqaviy markazida 2022 yil aprel-may oylarida oliy ta'lim muassasalari professor-o'qituvchilarining " Tojik tili" yo'nalishi qayta tayyorlash va malaka oshirish kursi mutaxassislik fanlaridan tuzilgan o'quv-uslubiy majmualar va chiqish testi savollari maxsus fanlar blokidagi modullarning o'quv dasturiga mos va uni to'liq qamrab olgan holda tuzilgan. Test savolari 4 ta muqobil javobda tuzilib, 1 ta to'g'ri javobni o'z ichiga oladi. O'quv-uslubiy majmua va test savollari qo'yilgan talablarga javob beradi.

**Ekspertlar**

| | | |
|---|---|---|
| Xamroyev Jumaqul | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi mudiri, f.f.d. | |
| Shernazarov Akmal | SamDU, Tojik filologiyasi va xorijiy sharq tillari kafedrasi dotsenti, f.f.n. | |
| Meliyev Baxtiyor Abduxomidovich | SamDU mintaqaviy markaz bo'lim boshlig'i, g.f.f.d. | |

**Mintaqaviy markaz direktori,**
**geografiya fanlari doktori, professor:** **S.B.Abbasov**

## ЭКСПЕРТНОЕ ЗАКЛЮЧЕНИЕ

**Об учебно-методических комплексах по направление истории Узбекистана, которые пройдут в апреле 2022 года в Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете**

В апреле 2022 года Региональном центре переподготовки и повышения квалификации педагогических кадров при Самаркандском государственном университете проведет курс переподготовки и повышения квалификации преподавателей высших учебных заведений по направлению «Родной язык и литература: Таджикский язык». Учебно-методические комплексы соответствуют с учебным планом модулей специального научного блока и полностью охватить его. Учебно-методические комплексы соответствуют современном требованиям.

**Зарубежный эксперты:**

**1. Сироджиддини Эмомали,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**

**2. Хомидов Дилмурод Раджабович,**
**доктор филологических наук,**
**профессор факултети филологии ТНУ**